“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”,
профессор А. И. Усмонзода

_____

аз “18” 04 соли 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ШАРҚИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД

Диссертатсияи Парвина Сӯҳробовна Ризоева таҳти унвони “Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти араб) пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқ омода гаштааст.

Роҳбари илмӣ: мудири кафедраи филолгияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент М.Т. Раҷабова .

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои филолгияи араб ва кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ аз таърихи 7.10.21, суратҷаласаи №3 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба зинаи навбатӣ роҳ дода шуд.

Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи ак. Б. Ғафуров” диссертатсияи Парвина Сӯҳробовна Ризоеваро таҳти унвони “Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)” бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷик Нуралӣ Норович Нуров ва мудири кафедраи

забонҳои хориҷии ДИС ДДТТ, номзади илми филология, дотсент Мутриба Охунҷоновна Исмаилова баррасӣ ва муҳокима намуд.

Сараввал, доктори илми филология, профессор Н.Н. Нуров сухан карда, таъкид намуд, ки адабиёти арабизабони форсу тоҷик, ки яке аз гӯшаҳои камомӯхташуда ва ба таври бояду шояд таҳқиқнашудаи адабиётшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад, масоили зиёди адабиётшиносӣ ва дарёфту баррасии фарҳангшиносонаи пурборе дорад, ки дар зимни таҳқиқ пешорӯи хонанда ва олими таҳқиққунанда масоили густардаеро паҳн мекунад. Рисолаи Парвина Сӯҳробовна Ризоева ба яке аз шахсиятҳое камтаҳқиқшудаи фарҳанги муштараки форсӣ ва арабӣ бахшида шудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар маъруфият дорад.

Профессор Н. Н. Нуров қайд намуд, ки дар баробари аз муҳассаноти зиёд бархурдор будани рисола, дар он баъзе нуқсонҳое ба чашм мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо баҳри афзудани арзиши илмии рисола нақши муассир хоҳад гузошт:

1. Боби аввали рисола “Муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии Абумузаффари Абевардӣ” унвогузорӣ шудааст, аммо танҳо як фасли он ба матлаби аслии унвони боби аввал пайванд дорад. Агар номи боби мазкур ба “Абумузаффари Абевардӣ ва нақши ӯ дар адабиёти арабизабони аҳди Салҷуқиён” иваз мешуд, ба нафъи кор хоҳад буд;
2. Зимни мутолиаи рисола маълум шуд, ки ашъори шоир қаблан ба забони тоҷикӣ тарҷума нашудааст ва унвонҷӯ баҳри тарҷумаи онҳо кӯшиши зиёд ба харҷ бурдааст. Бо вуҷуди ин, дар тарҷумаи ашъор костагиҳое мавҷуданд, ки таҷдиди назар мехоҳанд;
3. Унвонҷӯ якчанд истилоҳотеро мавриди корбурд қарор додааст, ки дар адабиётшиносӣ қобили қабул нест, аз ҷумла ба ҷойи мадҳ – “мадҳиянома” ё ба ҷойи сӯгнома – “шиквоия” истифода шудааст.
4. Аз муҳтавои боби сеюм маълум мешавад, ки муаллиф кӯшиш кардааст, то ҷанбаҳои мавзуъии ашъори Абевардиро таҳқиқ намояд.

Баҳри инъикоси мақоми шоир дар ташаккули адабиёти арабизабони давр хуб мешуд, ки ҷанбаҳои поэтикии ашъори ӯ баррасӣ гардад.

Таъкид шуд, ки пешниҳодҳои манзургашта ҷанбаҳои тавсиявӣ дошта, қабули онҳо барои комил гардидани ҳусни рисола муҳим арзёбӣ мегардад ва бар салоҳияти унвонҷӯ ва роҳбари илмияш вогузор мешавад. Рисола ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мутобиқ мебошад. Месазад, ки рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба марҳалаи баъдӣ пешниҳод шавад.

Номзади илмҳои филология, дотсент, М. О. Исмаилова иброз дошт, ки муҳаққиқ Парвина Ризоева кори арзандаи пажӯҳиширо дар мавзуи “Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI- XII)” сомон дода тавонистааст. Таҳқиқот аз нигоҳи илми соҳа ҳаматарафа арзанда буда, он дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмӣ-назариявӣ омода гардидааст.

М. О. Исмаилова таъкид дошт, ки баробари муваффақиятҳои сершумор дар рисола баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад шуд. Аз он ҷумла:

1. Қисми муқаддимавии рисола ва автореферат аз рӯйи талаботи охирони Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷдиди назар карда шавад;
2. Тарҷумаи ашъори арабӣ ба забони тоҷикӣ тавҷҷуҳи бештарро тақозо дорад;
3. Дар баъзе саҳифаҳо иқтибосҳо хеле зиёд ба назар мерасанд, ки бояд дар шакли хулосагӯй оварда шаванд;
4. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо, то пешниҳод ба Шурои дифоъ, мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Зикр гардид, ки нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд. Диссертатсияи П. С. Ризоева кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоб профессорон З. А. Ғаффорова, Н. А. Ҳамробоев, дотсентон Н. Ғиёсов ва М. З. Шарипова иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд. Дар қисмати муҳокима доктори илми филология Н. А. Ҳамробоев баромад намуда, аз ҷумла, таъкид кард, ки таҳқиқи анҷомдодаи П. С. Ризоева дар адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти баландро доро мебошад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон - доктори илми филология, профессор Н. Н. Нуров ва номзади илми филология, дотсент М.О. Исмаилова натиҷаи саволу ҷавоб ва муҳокимаи кор, Шурои олимони факултети забонҳои шарқ нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Парвина Сӯҳробовна Ризоева ба чунин хулоса омад:

Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, муҳаққиқ возеҳу бамаврид таъкид мекунад, ки адабиёти арабизабони форсу тоҷик, ки яке аз гӯшаҳои камомӯхташуда ва ба таври бояду шояд таҳқиқнашудаи адабиётшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад, масоили зиёди адабиётшиносӣ ва дарёфту баррасии фарҳангшиносонаи пурборе дорад, ки дар зимни таҳқиқ пешорӯи хонанда ва олими таҳқиққунанда масоили густардаеро паҳн мекунад.

Яке аз чеҳраҳои дурахшони адабиёти арабизабони аҳди Салҷуқиён Абумузаффари Абевардӣ ба шумор меравад, ки зиндагии ӯ ба нимаи дуюми садаи XI ва ибтидои садаи XII рост меояд. Абевардӣ дар канори фаъолияти сиёсӣ аз зумраи олимону адибони маъруфи аҳди хеш маҳсуб меёбад, ки бо сабку услуби шевои хеш дар ҷаҳони шеъру шоирӣ ҷойгоҳи хосро ишғол намудааст. Афзун бар ин, ин шоири соҳибмактаб бо ашъори пурғанои худ, ки аз девони сегонаи ашъор – «Ироқиёт», «Наҷдиёт» ва «Ваҷдиёт» фароҳам омадааст, шуҳратманд гардидааст.

Унвонҷӯ ҷиҳати ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

баррасии мухтасар дар муҳити адабии давр ва ташаккули ҳунару истеъдоди Абумузаффари Абевардӣ;

– таҳлили ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ роҷеъ ба ҳасби ҳоли адиб ва мақоми шоир;

– баррасии мухтассоти осори илмии суханвар;

– омӯзиши таркиби девони шоир, таъйини арзиши адабӣ ва мулоҳизаҳо доир ба нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои девони Абумузаффари Абевардӣ;

– баррасии муҳтаво ва мавзуи девони ашъори шоир;

– шарҳу тавзеҳи арзиши адабии қасидаи дар рисои Байтулмуқаддас нигоштаи шоир аз дидгоҳи донишмандони гузашта ва имрӯза;

– мақоми падидаҳои фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ аз дастовардҳо ва усулҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, чун В. В. Бартолд, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, И. Ю. Крачковский, К. Броккелман, Э. Браун, З. Н. Ворожейкина, А. Б. Куделин, И. М. Фильштинский, Забеҳуллоҳ Сафо, Ризозода Шафақ, Фотеҳинажоди Иноятуллоҳ, Расул Ҳодизода, Худой Шарифов, Абдуманнон Насриддинов, Абдушукури Абдусаттор, Тоҷиддин Мардонӣ, Низомиддин Зоҳидӣ, Умеда Ғаффорова, А. Насриддинов, Фахриддин Насриддинов ва дигарон истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар рисола бори нахуст нуктаҳои асосии зиндагинома ва эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ, ҷойгоҳи осори ӯ дар адабиёти арабизабон, фаъолияту мавқеи суханвар дар дастгоҳи ҳукумати Салҷуқиён, таъсири авзои сиёсӣ, иҷтимой, фарҳангӣ ва адабӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ, афкору андешаҳои муҳаққиқони асримиёнагӣ вобаста ба арзиши назму насри адиб, мундариҷаи девони сегонаи шоир – «Ироқиёт», «Наҷдиёт» ва «Ваҷдиёт», таъсири шеъри ӯ ба

ҷараёни шаклгирии адабиёти арабизабони форсу тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки рисола барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи масоили адабиёти классикии араб ва форсу тоҷик, таълифи китобҳои таълимии таърихи адабиёти араб ва таърихи форсу тоҷик, равшанӣ андохтан ба масоили марбут ба таърихи хонадони Салҷукӣ, баҳри такмили таърихи адабиёт ва таърихи сиёсии ин хонадон зарур аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардашуда ҷиҳати таълими машғулиятҳо, курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба таърихи адабиёти араб ва робитаи адабиёти халқҳои араб ва форсу тоҷик ба муаллимони забон ва адабиёти араб ва тоҷики донишкадаю донишгоҳҳои олии соҳавӣ ҳамчун маводи ёрирасон метавонад кӯмак расонад. Таҳқиқот барои навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ барои донишҷӯёну магистрантон хидмат хоҳад кард.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, ки аз байни онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст:

[1-М] Ризоева П. С. Муруре ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Абумузаффари Абевардӣ [мақола]/ П. С. Ризоева// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илми филология. – Душанбе: 2018. – № 8. – С. 228-231.

[2-М] Ризоева П. С. Бозтоби мавзӯоти мадҳу шиква дар эҷодиёти Абӯмузаффари Абевардӣ/ П. С. Ризоева// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илми филология. – Душанбе: 2020. – № 4. – С. 191-194.

[3-М] Ризоева П. С. Таъсири шеъри суннатии араб ба ғазалиёти Абӯузаффари Абевардӣ/ П. С. Ризоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи

илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: 2020. – № 1(62). – С. 111-114.

[4-М] Ризоева П. С. “Наҷдиёт”-и Абӯмузаффари Абевардӣ ва арзиши адабии он/ П. С. Ризоева// Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд: 2020. – № 3 (84). – С. 57-65.

[5-М] Ризоева П. С. Арзиши“Қасидат-ул-кудс”-и Абӯмузаффари Абевардӣ аз дидгоҳи муҳаққиқони Ғарб/ П. С. Ризоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: 2021. – № 1(66). – С. 93-98.

б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:

[6-М] Ризоева П. С. Образи шабаҳи маҳбуба дар ғазалҳои Абумузаффари Абевардӣ/ П. С. Ризоева// Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ). – Душанбе: 2021. – С. 225-229.

[7-М] Ризоева П. С. Мақоми Абумузаффари Абевардӣ дар ташаккули адабиёти арабизабони аҳди Салҷуқиён/ П. С. Ризоева//Актуальные научные исследования в современном мире (журнал). Секция филологических наук. – Переяслав: 2022. – № 2(82) – С. 180-185

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шурои олимони факултети забонҳои шарқ бо қарори № 9, аз таърихи 11.04.2022 диссертатсияи номзадии Парвина Сӯҳробовна Ризоеваро зери унвони “Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)” кори муҳимму арзишманд арзёбӣ намуда, онро таҳқиқи илмии комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6П.КОА-020 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои Шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 20 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси Шурои олимон,

номзади илми филология,

дотсент Исломҷон Усмонҷонович Раҳимов

Тел.: +9927701806

Почтаи электронӣ: usmoni1979@mail.ru

Мукарризон:

Доктори илми филология, профессори

кафедраи адабиёти классикии тоҷик,

МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

ба номи ак. Б. Ғафуров” Нуралӣ Норович Нуров

Тел.: +9928763797

Почтаи электронӣ: nurali74@mail.ru

Мудири кафедраи

забонҳои хориҷии ДИС ДДТТ,

номзади илми филология,

дотсент Мутриба Охунҷоновна Исмаилова

Тел.: +9927302150

Почтаи электронӣ: ismoilova1984@gmail.com

Котиби Шуро, номзади илми филология,

дотсент Рухангез Абдусамадовна Содиқова

Тел.: +9927260083

Почтаи электронӣ: rukhangezsodikova@gmail.com

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

Телефон: (+992-3422)6-52-73

Почтаи электронӣ: rector@hgu.tj

Имзои И.У. Раҳимов, Н. Н. Нуров ва Р.А. Содиқоваро
“Тасдиқ мекунам”
Сардори РК ва КМ МДТ-и
“ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров” Э. М. Наврузов

Имзои М.О. Исмаиловаро
“Тасдиқ мекунам”
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДИС ДДТТ Ш.У. Маҳмудов